ФАРМОИШИ
РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «21» 04 соли 2026 № 139/бд ш. Душанбе

Дар бораи аз баррасӣ бозхонд намудани диссертатсияи
Мадинаи Қиёмиддинзода

Мутобиқи сархати ҳабдаҳуми банди 9 ва сархати чоруми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва бандҳои 108 ва 117 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидаанд, фармоиш медиҳам:

1. Диссертатсияи Мадинаи Қиёмиддинзода дар мавзуи «Оптимизация методов родоразрешения женщин с тяжелыми преэклампсиями» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.01.01 - Момопизишкӣ ва бемориҳои занона бо хоҳиши худаш аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-006 назди МД “Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон” бекор карда шавад.
2. Ҳимояи такрории диссертатсияи Мадинаи Қ. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад.
3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ (Зарина Шоҳмуродзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад

Асос: аризаи довталаб Мадинаи Қ. аз 21 апрели соли 2026 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ.

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ